# Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

# БАРНОМАИ
# МЕЪЁРҲОИ САНҶИШИ ИДОРАКУНИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе 2021**

Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" 09 соли 2021 таҳти №13/4 тасдиқ карда шудааст.

# БАРНОМАИ МЕЪЁРҲОИ САНҶИШИ ИДОРАКУНИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.Муқаррароти умумӣ

Барномаи мазкур дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия карда шудааст.

### 1.1.Мафҳумҳои асосӣ

Дар доираи Барномаи мазкур мафҳумҳои зерин истифода шудаанд:

**Меъёрҳои санҷиши сифати таҳсилот** – низоми доимии ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил кардани маълумотҳо дар бораи хусусиятҳои сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади таъмини ҷомеа ва низоми маорифи ҷумҳурӣ бо маълумоти саҳеҳ, дақиқ ва пурра доир ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгӯ будани натиҷаи фаъолияти таҳсилот мебошад.

**Назорат дар шакли мониторинг** – ин шакли назорате мебошад, ки зимни гузаронидани он шароит, раванд ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ ва мутобиқатии онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, талаботи методӣ ва педагогӣ муайян карда мешавад.

**Мақоми ваколатдори идоракунӣ** – гурӯҳи махсуси идоракунӣ, ки аз ҳисоби шӯрои методии муассисаи таълимӣ таъсис дода шуда, раванди меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилотро амалӣ мекунад.

## 2.Мақсад ва вазифаҳои Барнома

2.1.Барномаи мазкур бо мақсади расидан ба ҳадафҳои зерин таҳия шудааст:

- таъсис додани механизми нави меъёрҳои санҷиш ва идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилотро таъмин мекунад;

- ба таълимгирандагон додани таълими босифати ба талаботи иҷтимоӣ ҷавобгӯ. Мониторинги идоракунии сифати таҳсилот воситаи асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ба шумор меравад;

-таъсис додани низоми идоракунии ҷараёни таълиму тарбия Тавассути роҳандозӣ намудани барномаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷараёни таълиму тарбия идора карда шуда, мунтазам натиҷаҳои он ҷамъбаст ва баҳогузорӣ карда мешавад.

-таъсис додани коллективи педагогии эҷодие, ки дар банақшагирӣ ва коркарди барномаи тадқиқоти мониторингӣ иштирок мекунанд. Ин ҳадаф таъсис додани коллективи эҷодие, ки махсус барои банақшагирӣ ва амалӣ намудани тадқиқотҳои мониторингӣ иштирок мекунанд, равона карда шудааст. Фаъолияти идоракунии сифати таҳсилот ва мониторинги он фаъолияте мебошад, ки бо ҷалби мутахассисони соҳаҳои гуногуни омӯзгорӣ амалӣ карда мешавад ва аз ҷониби гурӯҳи омӯзгорони ихтисосманд гузаронидани он кафолати асосии амалӣ шудани ҳадафу вазифаҳо ба шумор меравад.

2.2. Барномаи мазкур амалӣ намудани назоратӣ давлатӣ дар намуди мониторинги сифати таҳсилотро пешбинӣ мекунад, ки ҳадафҳои асосии назорати мазкур аз инҳо иборат мебошад:

-таъмини иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи моариф”, ки санаи 22 июли соли 2013 №1004 қабул карда шудааст, кафолати давлатии таҳсилотро пешбинӣ намудааст, ки тибқи он давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад. Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими ҳатмии умумии асосии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, инчунин дар доираи фармоишҳои давлатӣ дар асоси озмун ройгон гирифтани таҳсилотро дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот кафолат медиҳад.

Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ ҳатмӣ мебошад. Тартиби таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ кардани стандартҳои давлатии таҳсилотро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус стандартҳои махсуси давлатии таҳсилот ва барномаҳои махсуси таълимӣ таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ карда мешаванд.

Таъмини иҷроиши қонуни зикргардида дар умум иҷроиши тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи маориф таъмин намуда, барои таъмини таҳсилоти босифат дар тамоми муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Зеро Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

-баланд бардоштани сифати таҳсилот ва самаранокии натиҷаи раванди таълим. Сифати таълим – тарзи ташкили дуруст ва самараноки

раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад. Ҳадафи асосии роҳандозӣ намудани сиёсати давлатии мониторинги идоракунии сифати таҳсилот ин баланд бардоштани сифат ва самаранокии раванди таълим ба шумор меравад.

**3. Таркиби меъёри санҷиши идоракунии сифати таҳсилот**

Раванди мониторинги сифати таҳсилот вобаста ба субъектони ҷараёни таълим гурӯҳбандӣ карда шуда, дар фаъолияти мониторинги субъектони ҷараёни таълим ҳам ба сифати субъект ва ҳам ба сифати объекти он баромад мекунанд. Аз ин рӯ, дар алоҳидагӣ таҳлил намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

**3.1.Хонандагон ҳамчун субъект ва объекти мониторинг.**

Аз хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни мониторинги сифати таҳсилот нишондиҳандаҳои зерин талаб карда мешавад:

- нишондиҳандаҳои миқдорӣ (ҳаракат, таркиби синну сол, ҷинс). Барои гузаронидани мониторинг дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд таҳлилҳои шуморавии хонандагон дуруст ба роҳ монда шуда, мунтазам ин нишондиҳанда таҳлил карда шавад. Зеро таҳлили мазкур имконият медиҳад, ки тамоми тағйиротҳои дар муассиса ба миён омада, ба нишондиҳандаҳои муассиса бетаъсир намонанд.
- нишондиҳандаҳои қобилиятӣ (сатҳи дониш, сабабҳои норасоиҳо дар таҳсилот, ба кор таъминшавии хатмкунандагон, атестатсияҳои ниҳоӣ, санҷишҳои хаттиву тестӣ, шумораи хонандагони болаёқат ва ғайра). Нишондиҳандаи мазкур асоси гузаронидани мониторинг буда, таҳлили он сатҳи сифати таҳсилотро баён мекунад ва сифати таҳсилот вобаста ба ҳамин нишондиҳандаҳо ҷамъбаст карда мешавад.
- нишондиҳандаҳои тарбиявии хонандагон (хонандагоне, ки тарбияи онҳо ба талабот ҷавобгӯ мебошад, хонандагоне, ки дар давоми сол қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаро вайрон намудаанд ва ғайра). Таҳсилот – раванди таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст. Тарбия бошад – раванди мақсадноки ба воя расонидани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани таълимгирандагон. Аз ин рӯ, таълим ва тарбия бо ҳам алоқамандии ногусастанӣ дошта, якдигарро пурра мекунанд ва мавҷуд набудани яке боиси аз байн рафтани дигаре мегардад. Аз сатҳи тарбияи фарзанд таълими ӯ вобаста мебошад. Бинобар ин, гурӯҳи мониторинги идоракунии сифати таҳсилот зимни фаъолияти худ ба нишондиҳандаҳои тарбиявии хонандагон аҳамияти махсус зоҳир намуда, онро таҳлил ва баҳогузорӣ менамояд.

**3.2.Омӯзгорон ҳамчун субъект ва объекти мониторинг.**

Аз омӯзгорон барои амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ нишондиҳандаҳои зерин талаб карда мешавад:

**1.Ба талаботи касбият ҷавобгӯ будан.** Омӯзгор – шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбия машғул мебошад. Ихтисосмандӣ ва соҳибкасбии омӯзгорон омили муҳими амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба шумор меравад.

Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дар раванди таълиму тарбия ӯҳдадориҳои зеринро доранд:

- оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимиро риоя намоянд;
- сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;
- азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгирандагон талаб намоянд;
- дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномаҳои таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд, бесабаб аз фаъолияти омӯзгорӣ худро дар канор нагиранд;
- таълимгирандагонро аз амалҳои зӯроварӣ, ҷисмонию равонӣ ҳифз намоянд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, ва маводҳои сахттаъсир корҳои таблиғотӣ баранд;
- аз доираи мавзӯе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набароянд;
- вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, падару модарони (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намоянд;
- меъёрҳои санҷиш ва баҳогузориро ба дониши хонандагон ва донишҷӯён дар раванди дарс риоя намоянд;
- дафтари синфӣ (журнали гурӯҳӣ)-ро тибқи талабот пур намоянд;
- ашёи таълимӣ, таҷҳизот ва маводи таълимиро эҳтиёт карда, таълимгирандагонро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоянд;
- бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз такмили ихтисос гузаранд;
- меъёрҳои забони давлатиро риоя намоянд;
- дар раванди фаъолияти худ аз таҷрибаи пешқадам истифода намуда, ба таълифи мақолаҳои илмӣ, назариявӣ ва методӣ ҷиддӣ муосидат намоянд;
- маводи таълимӣ, конспект, нақшаҳои тақвимӣ, лексияҳо ва корҳои санҷишиву озмоишии хаттии худро дар сатҳи касбӣ дар доираи меъёрҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ намоянд;
- барои инкишофи маҳорат ва малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии таълимгирандагон кӯшиш намоянд;
- барои дар озмунҳои (олимпиадаҳои) ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намоянд;

- аз таълимгирандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намоянд, онҳоро ба  хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ намуда, барои рушди ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешанд;

- услуби коргузорӣ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсиониро омӯзанд ва таълимгирандагонро ба омӯзиши онҳо ҷалб намоянд;

- санҷишу имтиҳонҳои қабул ва ҷориро аз рӯи меъёрҳои муайянгардида гузаронида, дар вақти баҳогузорӣ ба амалҳои субъективӣ роҳ надиҳанд;

- аттестатсияи  хатм ва имтиҳонҳои  хатмро дар доираи талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ташкил намуда, ба дониши таълимгирандагон баҳои воқеӣ гузоранд.

- рӯзномаи хонандагон ва дафтарҳои санҷишии донишҷӯёнро санҷида, баҳои дар журнал ва варақаи имтиҳонӣ қайдгардидаро ба онҳо гузаронанд;

- дарсҳои худро дар кабинетҳои фаннӣ бо тартиби муқарраршуда ба роҳ монанд;

- иштироки таълимгирандагонро дар корҳои ҷамъиятӣ,  маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва дигар маҳфилҳо таъмин намуда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намоянд;

- таълимгирандагонро дар рӯҳияи эҳтироми падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия кунанд;

- ҷалби таълимгирандагонро ба созмони хонандагон  таъмин карда, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, риояи қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расму ойин,  муҳити зист ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд;

- корҳои илмӣ, эҷодии адабӣ, ихтироъкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дигар корҳои таълимгирандагонро роҳнамоӣ намуда, барои рушди қобилияти зеҳнии онҳо шароит муҳайё намоянд;

- нисбат ба хонандагоне, ки тартиботи дохилии муассисаи таълимиро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд аз таҳсил саркашӣ намуда ва сару либоси тавсиявиро намепӯшанд, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва падару модар (шахсони онҳоро  ивазкунанда)-ро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд.

**2.Сатҳи сарбории методӣ.**  Ҳаҷми сарбории методӣ яке аз сохтори стандарти давлатии таҳсилот ба шумор меравад. Аз рӯи муқаррароти сарборӣ дарс гузаштани омӯзгорон кафолати асосии таҳсилоти босифат ба шумор меравад. Зеро дар доираи сарбории ба талабот ҷавобгӯ гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ имконият медиҳад, ки омӯзгор бо хонандагон машғулиятҳои зарурииро гузаронанд.

**3.Нуфузи омӯзгор дар коллективҳои педагогӣ.** Нуфузи омӯзгор ҳолати муҳими касбии омӯзгор мебошад, ки он бо назардошти ихтисосмандии омӯзгор аз ҳисоби худи коллективи кории муассиса муайян карда мешавад. Бояд тазаккур дод, ки гурӯҳи кории мониторинги идоракунии

сифати таҳсилот ҳам нуфузи омӯзгоронро дар алоҳидагӣ ва ҳам нуфузи муассисаи таълимиро муайян менамояд. Зеро мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” таҳсилоти умумӣ тавассути муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, мактабҳои (синфҳои) камнуфус ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар се зина: ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ амалӣ мегардад. Мактаби (синфи) камнуфус – муассисаи таълимие (синфе), ки дар маҳалҳои камаҳолӣ барои бо таҳсил фаро гирифтани шумораи ками хонандагон таъсис дода мешавад.

Бинобар ин, таҳлил намудани нуфузи омӯзгорон ва муассисаи таълимӣ барои баҳодиҳии сатҳи сифати таҳсилот муҳим мебошад.

**4.Нишондиҳандаҳои сифати фаъолият (ҳаракат, синну сол ва ғайра).** Омӯзгорӣ фаъолияте мебошад, ки аз қобилияти равониву ҷисмонии омӯзгорон вобаста мебошад. Зеро қобилияти равониву ҷисмонии омӯзгорони ҷавон бо ҳеҷ ваҷҳ бо қобилияти омӯзгорони пиронсол баробар шуда наметавонад. Бинобар ин, гурӯҳҳои мониторинги идоракунии сифати таҳсилот бояд тамоми маълумотҳоро доир ба синну сол ва қобилияти равониву ҷисмонии омӯзгорон дошта бошанд ва мунтазам онҳоро таҳлил, баҳодиҳӣ ва муқоиса намоянд.

**5.Таҳлили мушкилоти дар омӯзгорон ҷойдошта.** Омӯзгор пеш аз ҳама инсон мебошад ва аз мушкилотҳои ба инсон мутааллиқ дур буда наметавонад. Дар таҷриба омӯзгорон дорои он мушкилоте мебошанд, ки он мушкилот барои амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ бевосита таъсир расонида метавонанд. Масалан, чунин мушкилот оилавӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, молиявӣ ва ғайраҳо буда метавонанд. Бинобар ин, гурӯҳҳои мониторинги идоракунии сифати таҳсилот дар назар дошта бошанд, ки мушкилоти ҷойдоштаро ошкор ва барои бартараф намудани онҳо ба омӯзгорон кумакрасон бошад, то омилҳои садди роҳи таҳсилоти босифат аз байн бардошта шаванд.

### 3.3.Падару модар ҳамчун субъект ва объекти раванди мониторинг

Давлат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи кӯдаконро яке аз вазифаҳои асосии худ эътироф намуда, модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсус қарор дода, падару модарро барои таълиму тарбияи фарзандон масъул донистааст (м. 34 Конститутсияи ҶТ). Қонунгузории соҳавӣ дар самти тарбияи кӯдакон аз ин меъёри конститутсионӣ сарчашма мегирад. Аз ҷумла, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарияти тарбияи оилавии кӯдаконро яке аз принсипҳои ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ эътироф намуда, субъектҳои асосие, ки барои тарбия ва нигоҳубини кӯдакон масъулият доранд, муайян намудааст. Таҳлил намудани шумораи падару модароне, ки аз иҷрои уҳдадориҳои худ саркашӣ намуда, ба ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ кашида шудаанд.

**3.4.Роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун объекти мониторинги идоракунии сифати таҳсилот.**

Зимни амалӣ намудани фаъолияти худ роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд ба нишондиҳандаҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

-нишондиҳандаҳои миқдорӣ (таҳлили мунтазами шумораи омӯзгорон ва хонандагон). Роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баъди хатми соли таҳсил шумораи хонандагон ва омӯзгоронро таҳлил намуда, дар натиҷаи таҳлили он сарбории методии омӯзгоронро муайян мекунанд. Таҳлили мазкур имконият медиҳад, ки сарбории зиёдатии омӯзгорон бартараф карда шуда, ба омӯзгорон шароити мусоиди равонӣ таъмин карда шавад.

-натиҷагири аз фаъолияти таълимӣ (натиҷаи атестатсияҳои давлатӣ, дохилшавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва ғайра). Пас аз хатми мактаби миёна дохил шудан ба муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ яке аз нишондиҳандаҳои мусбии таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ҳар сол натиҷаҳои атесстатсияи хатм ва нишондиҳандаҳои миқдории дохилшавии хонандагонро ба муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таҳлил, ҷамъбаст ва муқоиса намуда, дар сурати ошкор гардидани камбудиҳо барои бартараф намудани онҳо чораандешӣ мекунанд.

-таъминоти методии раванди таълим (иштирок дар семинарҳо, конференсияҳо, ҷаласаҳо, фаъолияти иттиҳоди педагогӣ, таъминоти китобҳои таълимӣ ва ғайра). Воситаҳои таълимию методӣ асоси таҳсилоти босифат ба шумор меравад.

Роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ уҳдадоранд, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуд тамоми хонандагон ва омӯзгоронро бо китобҳои дарсиву методӣ таъмин намоянд.

**3.5.Роҳбарони синф ҳамчун субъект ва объекти мониторинг чунин фаъолиятро амалӣ менамояд:**

- аз болои рафтор ва фаъолияти ҳар як хонанда назорат мекунанд;

-ҳангоми ҷалб шуданаш дар гузаронидани тадқиқотҳои мониторингӣ иштирок намуда, натиҷаҳои тадқиқотҳои мониторингро саривақт ба маълумоти падару модарон мерасонад ва дар ин самт бо падару модарон робитаҳои мустаҳкамро ба роҳ мемонанд;

-рушди шахси ва донишҳои маънавии ҳар як хонандаро таҳлил мекунанд;

- камбудиҳо ва норасоиҳои аз ҷониби гурӯҳи мониторинг ошкоршударо бартараф намуда аз натиҷаи он маъмуриятро огоҳ менамоянд;

-маълумотҳои аз ҷониби гурӯҳи мониторинг талабшударо саривақт пешниҳод мекунад;

-сатҳи дастовардҳои таълимии ҳар як хонандаро аз рӯи фанҳои таълимӣ, натиҷаҳои санҷишҳои тестиву хаттӣ ва шифоҳӣ муайян ва таҳлил намуда, аз натиҷаи он ба гурӯҳҳои сифати таҳсилот ва маъмурият хабар медиҳанд;

-роҳҳои баланд бардоштани сатҳи таълимгирии хонандагонро муқаррар менамоянд.

## 4.Давраҳои амалӣ шудани Барнома

Барномаи мазкур бо амалӣ намудани фаъолияти дахлдори меъёрию методӣ амалӣ карда мешавад, ки аз инҳо иборат аст.

**4.1. Фаъолияти таҳлили нақшавӣ, ки бо амалӣ намудани сатмҳои зерин ба иҷро расонида мешавад:**

- вазъи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- мақсаднокии субъектони ҷараёни таълим ба гузаронидани меъёрҳои санҷишии идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- коркарди намунаҳои нави меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот, ки бо чунин шаклҳо гузаронида мешавад:

- муайян намудани самти тадқиқотҳои меъёрҳои санҷишӣ ;

- муайян намудани нишондиҳандаҳо ва иҷрокунандагони тадқиқотҳои идоракунӣ;

- коркарди воситаҳои корӣ барои гузаронидани тадқиқотҳои санҷиш, таҳлил кардан, нигоҳ доштан ва пешниҳод кардани иттилоот (методҳо, маҷмӯи тестӣ, анкетаҳо, бланкаҳо ва ғайраҳо).

- омода намудани ҳуҷҷатҳо ва маводҳои меъёрию методӣ барои амалӣ намудани санҷиши идоракунии сифати таҳсилот.

**4.2. Фаъолияти асосӣ, ки бо амалӣ намудани сатмҳои зерин ба иҷро расонида мешавад:**

- коркарди низоми чорабиниҳо доир ба иҷро шудани барномаҳо дар бораи самти фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;

- амалӣ кардани барномаи "Меъёрҳои санҷишии идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ";

- муайян намудани самаранокии методҳои татбиқшаванда дар баҳодиҳии сифати таҳсилот;

- баҳодиҳии самаранокии амалӣ шудани Барнома.

**4.3. Фаъолияти ҷамъбастӣ, ки бо амалӣ намудани сатмҳои зерин ба иҷро расонида мешавад:**

- коркард, таҳлил ва низомнокии иттилоот;

- муқоиса намудани натиҷаҳои дастрасгардида ба ҳадафҳои дар пешгузошташуда;

- омода намудани маводи муқоисавӣ;

- таъсис додани махзанаи ягонаи иттилоотӣ оид ба “Меъёрҳои санҷиши сифати таҳсилот”;

- қабул кардани қарорҳои идоракунӣ аз натиҷаи баҳодиҳии сифати таҳсилот;

- коркард, тағйир додан ва пурра намудани намунаи меъёрҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**5.Талабот барои гузаронидани меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот.**

5.1.Зимни гузаронидани меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот мақоми ваколатдор бояд  дар назар дошта бошад, ки самаранокии меъёрҳо аз захираҳои техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, таъминоти барномавӣ, техникаҳои чопӣ, воситаҳои аёнӣ ва ғайраҳо), дуруст ба роҳ мондани давраҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот вобаста мебошад.

5.2. Иттилооте, ки зимни гузаронидани тадқиқотҳои санҷиш ба даст оварда шудаанд, бояд аз нуқтаи назари объективӣ, саҳеҳӣ, дурустӣ, кифоягӣ, саривақт ва босифат санҷида шаванд.

5.3.Зимни гузаронидани назоратҳо дар шакли санҷиши идоракунии сифати таҳсилот давомнокии он наметавонад аз 14 рӯзи корӣ зиёд бошад.

5.4.Шартҳои самаранокии гузаронидани тадқиқотҳои санҷиши идоракуни сифати таҳсилот аз инҳо иборат аст:

-  муносибат беғаразона, ки кори мониторинг, ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва истифодаи иттилоотро осон мегардонанд;

- муқоиса намудани методҳои сифатию шуморавии тағйиротҳо дар тадқиқотҳои санҷишӣ ;

- таҳлили маҷмӯии нишондиҳандаҳои меъёрҳои санҷишӣ, аз ҷумла он нишондиҳандаҳое, ки бевоиста ва ё бавосита ба натиҷаи таҳсилот таъсир мерасонанд;

- ҷалб намудани омӯзгорони собиқадору тахассусӣ дар гузаронидани тадқиқотҳои санҷишӣ дар муассисаи таҳсилоти   умумӣ;

- истифодаи дурусти воситаҳои муосири таҳлилӣ зимни гузаронидани тадқиқотҳои санҷишӣ;

- аз ҷониби шуъба ва раёсатҳои маориф дастгирии моддӣ ва методии гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти  умумӣ.

## 6. Шаклҳои гузаронидани тадқиқотҳои санҷишӣ

6.1. Дар доираи амалӣ намудани Барномаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шаклҳои зерини меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот гузаронида мешавад:

- вобаста ба мақсади гузаронидани меъёрҳои санҷишии идоракунии сифати таҳсилот;
- вобаста ба давраҳо гузаронидани меъёрҳои идоракунии сифати таҳсилот: дохилӣ, фосилавӣ ва ҷамъбастӣ;
- вобаста ба намудҳои назорат дар шакли санҷишҳои идоракунии сифати таҳсилот: ояндабинӣ, ҷорӣ ва афзалиятнок;
- вобаста ба тартиби гузаронидани санҷишҳои идоракунии сифати таҳсилот: якдафъаина, фосилавӣ ва мунтазам;
- вобаста ба фукнсияҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот: иттилоотӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ ва пешгӯикунанда.

## 7. Натиҷаҳои тадқиқоти меъёрҳои санҷишии идоракунии сифати таҳсилот

7.1. Зимни гузаронидани тадқиқоти меъёрҳои санҷиши натиҷаҳои зерин ба назар гирифта шудааст:

- таъсис додан ва мақсаднокии амалӣ намудани идеяи гурӯҳи меъёри санҷишии идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- коркарди меъёри санҷишии идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- ба даст овардани иттилооти таҳлилӣ дар бораи натиҷаи таҳсилот, вазъи саломатии хонандагон, касбияти омӯзгорон ва кадрҳои роҳбарикунанда;
- таъсис додани махзанаи иттилоотӣ доир ба натиҷаи тадқиқиоти меъёрҳои санҷиши сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;
- инкишофи шахсияти кормандони педагогӣ ва таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

7.2. Натиҷаҳои меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар нақшаҳо тартиб дода шуда, дорои тавсияҳои амиқи методии ба ҳақиқат мутобиқ буда, барои иҷро ба роҳбарияти муассиса пешниҳод карда мешавад.

7.3. Натиҷаи меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷаласаҳои шӯрои педагогӣ, ҷаласаҳои назди роҳбарияти муассиса ва ҷаласаҳои шӯрои методии муассиса

баррасӣ карда шуда, аз натиҷаи баррасии он санадҳои дахлдори меъёрию методӣ қабул карда мешавад.

## 8. Муқаррароти хотимавӣ

8.1. Гурӯҳи меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар намуди гурӯҳи идоракунӣ таъсис дода шуда, ба ҳайати он директори муассиса, муовинони директори муассиса, роҳбарони иттиҳодия ва шӯрои методӣ, роҳбарони синф ва омӯзгорони ботаҷрибаву ихтисосманд дохил мешаванд.

8.2. Иҷрои Барномаи мазкур ба зиммаи роҳбарияти муассиса ва гурӯҳи идоракунӣ вогузор карда шуда, барои риоя накардани муқаррароти дар он пешбинишуда шахсони мутасаддӣ ба ҷавобгарии дахлдори ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

8.3. Гурӯҳи меъёрҳои санҷиши идоракунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳар давраи ҳисоботӣ фаъолияти худро таҳлил намуда, аз натиҷаи он ба шуъбаву раёсатҳои шаҳру ноҳияҳо вилоятҳо маълумотнома пешниҳод мекунанд.

8.4. Раёсати маорифи вилоятҳо ва шаҳри Душанбе уҳдадоранд, ки доир ба иҷрои Барномаи мазкур дар як соли таълимӣ ду маротиба ба шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

8.5. Шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти солонаи гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилотро таҳлил намуда, аз натиҷаи он ба Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БАРНОМАИ ИДОРАКУНИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе 2021**

Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "_27_"__09__ соли 2021 таҳти №13/4 тасдиқ карда шудааст.

# БАРНОМАИ ИДОРАКУНИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Мафҳумҳои асосӣ

Дар доираи Барномаи мазкур мафҳумҳои зерин истифода шудаанд:

**Сифати таҳсилот** - хусусиятҳои интегралии низоми маориф, ки натиҷаҳои таҳсилотро ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои расмӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ таҷассум менамояд.

**Баҳодиҳии сифати таҳсилот** – тавассути таҳқиқ ва баҳодиҳӣ муайян намудани таъминотӣ захиравӣ, ҷараёни таҳсил ва натиҷаи таҳсилот ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои расмӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ.

**Идоракунии сифати таҳсилот** – таъсиррасонии низом ва ҳамоҳангӣ ҳам ба ҷараёни таҳсилот ва ҳам ба маҷмӯи асосҳои бо он алоқаманд, ҷараёни идоракунӣ ва дастгиринамоӣ мебошад, ки бо мақсади расидан ба фаъолияти низоми маориф ва натиҷаҳои иҷтимоиву педагогии он ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои расмӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ, амалӣ карда мешавад.

## 1.Муқаррароти умумӣ

Таъмини сифат ва самаранокии таҳсилот яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, дар замони муосир ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти инсонӣ баромад мекунад. Дар ин замина масъалаҳо оид ба баҳодиҳии сифати таҳсилот яке аз масъалаҳои асосии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Хусусиятҳои умумии тағйирёбии дар низоми маориф ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ба таъмини сифати таҳсилот, мукаммалгардонии низоми баҳодиҳии сифат ва мутобиқати онҳо ба талаботи ҷомеа нигаронида шудаанд.

Сифати таҳсилот ин қобилияти амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ ва донишҳои бадастовардаи хонандагон ҷавобгӯ ба талаботи истифодабарандагони натиҷаи таълим мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сифати таҳсилот дараҷаи сатҳи маърифатнокӣ ва тайёрии хонандагонро оид ба азхудкунии барнома ё стандарти муайяни таълимӣ ба талаботи шахси, ҷомеа ва давлат муайян мекунад.

Идоракунии сифати таҳсилот ин таҳия ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳост, ки имконият фароҳам меоварад, то хизматрасониҳои таълимӣ ба таври самаранок, дар сатҳи сифатнокии баланд расонида шавад ва натиҷаҳои таҳсилотро бо талаботи истифодабарандагони он таъмин созад.

Дар ҷаҳони муосир таъмини сифат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, асосан, дар заминаи талаботи зерин сурат мегирад:

1) талаботи низоми миллии таъмини сифат (арзёбии (мониторинги) соҳавии сифати таҳсилот, иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ дар дохили кишвар ва ғайра);

2) талаботи низоми минтақавии таъмини сифат (низоме, ки аз ҷониби як гурӯҳи кишварҳо дар ҳамкорӣ ҷорӣ карда мешавад - масалан, кафолати сифати таҳсилот мувофиқи меъёр ва стандартҳои кишварҳои Аврупо);

3) талаботи стандартҳои байналмилалии сифат аз силсилаи ISO (International Organization for Standardization – СБС, Созмони байналмилалии стандартизатсия).

Мақсади таҳияи барномаи баҳодиҳӣ ва идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ба хонандагон имконияти соҳиб шудан ба таълим ва тарбия фароҳам меорад, таълим ва тарбия намудани хонандагон, ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо ва аз онҳо тайёр намудани мутахассисон ва ниҳоят расидани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба натиҷаҳои баланди таҳсилот мутобиқи талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигаронида шудааст.

Вазифаҳои амалӣ намудани Барномаи мазкур вобаста ба субъектони раванди таҳсилот муайян карда мешавад. Барномаи мазкур барои роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин вазифаҳоро пешбинӣ мекунад:

- дастрас намудани маводи методӣ ба иштирокчиёни ҷараёни таълим дар муассисаи таълимӣ;

- ташкил намудани низоми такмили ихтисоси ҳайати омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

**Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои баланд бардошти сифати таҳсилот уҳдадоранд, ки:**

- аз воситаҳои муосири дарсгузаронӣ истифода намоянд; Уҳдадории мазкур маънои онро дорад, ки ҳар омӯзгор вобаста ба фанне, ки таълим медиҳад, воситаҳои муосири таълимиро истифода намояд. Масалан, зимни баргузории фанни химия истифода аз таҷҳизотҳои лабараторӣ ва ғайра.

- ташкили таҷрибаи нави дарсӣ ва шаклҳои ғайридарсии таҳсилотро ба роҳ монанд; Ин чунин маъно дорад, ки омӯзгор метавонад барои фаҳмо намудан ва ҷолиб намудани машғулиятҳои дарсӣ вобаста ба синну соли кӯдакон роҳҳои нави таълимиро ба роҳ монад. Масалан, ташкил ва

гузаронидани саҳнаҳои таълимӣ, зимни дарсҳо ташкили бозиҳои дидактикӣ ва ғайра.

- муносибатҳои инфиродӣ ва дастаҷамъонаро ба категорияҳои алоҳидаи хонандагон амалӣ намоянд; Ҳамаи хонандагон сатҳи баробари фаҳмиш ва дарк намудани дарсҳоро надоранд. Дар муассисаҳои таълимӣ хонандагоне таҳсил мекунанд, ки фаҳмишашон нисбат ба дигар хонандагон дар сатҳи паст қарор дорад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд бо чунин хонандагон робитаҳои инфиродиро ба роҳ монда, сатҳи дониши онҳоро баланд бардорад.

## 2.Таҳлили вазъи таҳсилот.

Таҳлили вазъи таҳсилот дар муассисаи таълимӣ яке аз воситаҳо ва зинаҳои асосии идоракунии сифати таҳсилот буда, бо истифода аз нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) амалӣ карда мешавад.

-Нишондиҳандаҳои (индикаторҳо) – и вазъи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби худи муассисаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

-Идоракунии сифати таҳсилот дар асоси нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) ва истифода аз баҳогузории имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар пеш истода ба таври маҷмӯӣ ҳалли худро ёбанд. Зеро аввал, вазъи низоми таҳсилот ва сатҳи сифати таълим, ки низоми таҳсилотро таъмин мекунад баҳогузорӣ карда мешавад, дуюм, ҷабҳаҳои қавӣ ва заифи низоми таҳсилот ва инчунин, самтҳои афзалиятноки инкишофи муассисаи таълимӣ ва ҳадафҳои он муайян карда мешавад ва сеюм, омилҳо ва шароитҳои сатҳи мавҷудбудаи сифати таҳсилот муайян карда мешавад.

Муассисаҳои таълимӣ ҳангоми муайян кардани нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) бояд чунин ҳолатҳоро ба роҳбарӣ гиранд.

| Меъёр | нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) |
|---|---|
| Дараҷаи азхудкунии академии хонандагон | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки бо баҳоҳои “хуб” ва “аъло” таҳсил мекунанд |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки бо баҳои “қаноатбахш” таҳсил мекунанд |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки дар озмун – олимпиадаҳо иштирок мекунанд |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки аз муассисаҳои таълимӣ хориҷ шудаанд:<br>- синфҳои 1-4<br>- синфҳои 5-9<br>- синфҳои 10-11 |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки такроран дар як синф таҳсил мекунанд: |

| | |
|---|---|
| | - синфҳои 1-4<br>- синфҳои 5-9<br>- синфҳои 10-11 |
| | Ҳисоби миёнаи баҳои хатмкунандагон<br>- синфи 4<br>- синфи 9<br>- Синфи 11 |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки баъди синфи 9 таҳсилро давом медиҳанд:<br>- Дар синфи 10<br>- Дар муассисаҳои ибтидоии касбӣ;<br>- Ба фаъолияти муайян машғул мебошанд;<br>- На ба таҳсил фаро гирифта шудаанд ва на шуғли муайян доранд |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки баъди синфи 11 таҳсилро давом медиҳанд:<br>- дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;<br>- дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки аз фанҳои таббии, риёзӣ дар озмун ва олимпиадаҳо ширкат намудаанд:<br>- дар олимпиадаҳои мактабӣ;<br>- дар олимпиадаҳои минтақавӣ;<br>- дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ;<br>- дар олимпиадаҳои вилоятӣ;<br>- дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ;<br>дар олимпиадаҳои байналмилалӣ |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки ба дарсҳои иловагӣ ва ё омӯзиши касбҳои иловагӣ ҷалб шудаанд:<br>- синфҳои 1-4<br>- синфҳои 5-9<br>- синфҳои 10-11 |
| Таҳлили сабаб ва асосҳои аз муассисаҳои таълимӣ дур гардидани хонандагон | - миқдор ва фоизи хонандагоне, ки ба муассисаҳои таълимии махсус фиристода шудаанд;<br>- миқдор ва фоизи хонандагоне, ки аз таҳсил даст кашида, ба кор машғул шудаанд; |

| | |
|---|---|
| Таҳлили вазъи саломатии хонандагон | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки дар давоми соли таҳсил ба муасссисаҳои тиббӣ барои табобат фаро гирифта шудаанд; |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ мебошанд; |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки барои тарзи ҳаёти солим ниёз доранд; |
| | Миқдор ва фоизи хонандагоне, ки ба варзиш машғуланд ва дар машғулиятҳои варзишӣ иштирок мекунанд; |
| | Миқдор ва фоизи таъминоти моддӣ – техникии бунгоҳҳои тиббии муассисаҳои таълимӣ |
| Шумораи омӯзгорон | Миқдор ва фоизи омӯзгороне, ки аз технологияи иттилоотӣ истифода мебаранд; |
| | Миқдор ва фоизи омӯзгороне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд; |
| | Миқдор ва фоизи омӯзгороне, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошанд; |
| Таҳлили аёниятҳои таълимӣ дар муассисаҳо | Шумораи ҳуҷраҳои компютерӣ ва миқдори компютерҳо дар муассиса; |
| | Миқдор ва шумораи китобҳои дарсӣ ва фоизи таъмини хонандагон ба китоб ва дигар маводҳои таълимӣ; |
| | Миқдор ва шумораи китобҳои дар китобхонаи муассисаи таълимӣ мавҷудбуда |

## 3.Ташкили робитаҳо байни муассисаи таълимӣ, хонандагон ва падару модари онҳо.

Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, воситаи асосии расидан ба ҳадафҳои таълиму тарбия ин робитаҳои мутақобилаи субъектони раванди таълиму тарбия ба шумор мераванд.

Дар доираи амалишавии Барномаи мазкур муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ уҳдадоранд, ки бо хонандагон ва ё падару модари онҳо чунин робитаҳоро ба роҳ монанд;

-робитаҳо бо мақсади муайян намудани монеаҳои ҷойдошта ҷиҳати ба таҳсилот фаро гирифтани фарзандони онҳо. Дар ҳолати дарсгурезии хонандагон ва ҳангоми муайян намудани он, ки кӯдакони синну соли мактабӣ ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд;

-робитаҳо бо мақсади беҳбудии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Робитаи мазкур бо мақсади муайян намудани хоҳиши хонандагон ва ё падару модари онҳо ба омӯзиши ин ё он фан, ки таввасути ба роҳ мондани таҳлили натиҷаҳои таҳсилот амалӣ карда мешавад. Ба роҳ мондани чунин робита камбудиҳои дар фаъолияти таълимӣ ҷойдоштаро ошкор намуда, имкон медиҳад, ки муассисаи таълимӣ ҷиҳати рафъӣ камбудиҳо чораҷӯи намояд.

- робитаҳо бо мақсади ҷалб намудани хонандагон ба дарсҳои иловагӣ. Дарсҳои иловагӣ яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон, дар соҳаи муайян тайёр намудани хонандагон ва қонеъ намудани завқу рағбати онҳо ба омӯзиши фанҳои алоҳида ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани омӯзиши ин ё он фан муассисаҳои таълимӣ бояд аз зинаи ибтидоӣ барои хонандагон мувофиқ ба қобилят ва завқу рағбати онҳо дарсҳои иловагиро ба роҳ монанд. Масалан, баъди синфи 4 нисбат ба хонандагон ба роҳ мондани дарсҳои иловагӣ барои дар оянда соҳибихтисос ва мутахассис шудани хонандагон мусоидат мекунад.

- робитаҳо бо мақсади муайян намудани камбудиҳо ва баратараф намудани онҳо дар фаъолияти муассисаи таълимӣ.

**4.Банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим, таъмини маводҳои методӣ ва моддию техникии раванди таълим.**

Зимни амалӣ намудани Барномаи мазкур муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолияти худро ҷиҳати банақшагирии ҷараёни таълим, таъмини маводи методӣ ва моддию техникии раванди таълим дар самтҳои зерин амалӣ мекунанд;

- таҳия ва иҷрои барномаҳои таълимӣ дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ. Стандартҳои давлатии таҳсилот дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

- дастрас намудани дастурҳои методӣ. Дастурҳои методиву таълимӣ воситаи асосии таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба шумор меравад, ки аз ҷониби Маркази Ҷумҳуриявии таълимию методӣ, кабинетҳои методии раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо таҳия карда мешавад. Воситаи асосии амалӣ намудани фаъолияти мазкур ин роҳандозӣ намудани робитаи мутақобилаи дахлдор бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва воситаҳои табъу нашр ба шумор меравад.

- таҳияи дастурҳои методии дохили муассисавӣ. Дастурҳои методии дохили муассисавӣ ин воситаҳои таълимие мебошанд, ки аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия карда мешавад.

- таъмини омӯзгорон ва хонандагон бо китобҳои дарсӣ. Китобҳои дарсӣ воситаи асосии баланд бардошти таҳсилоти босифат ба шумор

меравад. Аз ин рӯ, муассисаи таълимӣ ва роҳбарияти он бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки тамоми хонандагони муассисаҳои таълимиро бо китобҳои дарсӣ таъмин намоянд.

- таъмини муассиса бо воситаҳои аёнӣ**.** Фанҳои дақиқу риёзӣ фанҳои таълимие мебошанд, ки гузаронидани дарсҳо бо воситаҳои аёнӣ самараноктарин дарс ба шумор меравад. Зеро бо истифода аз чунин воситаҳо хонандагон пурра дарк мекунанд, ки мавзӯи баррасишаванда кадом ҷабҳаҳои илмиро фаро мегирад ва бо ин васила пурра дар хусуси ин ё он зуҳурот тасавуррот пайдо мекунанд. Масалан, дар дарсҳои химия бо истифода аз лабараторияҳои таълимӣ хонандагон пурра дар бораи табодули моддаҳои химиявӣ тасаввурот пайдо мекунанд. Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзи, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021- 2025.

- компютерикунонии раванди таълим ва дастрасӣ бо интернет. Бо мақсади амалӣ шудани ҳадафи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии амали намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022. Мақсади асосии Барномаи мазкур рушди низоми технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи технологияҳои таълимии муосир, усулҳои иноватсионии таълим ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии соҳаи маориф мебошад.

**- ба роҳ мондани кори Шӯрои методӣ ва кабинети методӣ.** Шӯро иттиҳодияи методӣ ва кабинети методӣ сохтори асосии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад, ки ба коркарди маводҳои таълимиву методӣ барои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, дастрас намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим машғул мебошад. Аз ин рӯ, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ин сохторҳо яке аз воситаҳои муҳими баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таъмини самаранокии раванди таълиму тарбия ба шумор меравад.

**- таҳия ва иҷрои нақшаи корҳои таълимии беруназсинфӣ ва кори маҳфилҳои фаннӣ.** Корҳои таълимии берун аз синфӣ ва таҳияву роҳандозӣ намудани дарсҳои иловагӣ кафолати баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ба шумор меравад. Бинобар ин, муассисаҳои таълимӣ ҳар сол бояд нақшаи корҳои таълимии берун аз синфии худро таҳия намуда, дар давоми соли таҳсил кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки онро дар амал татбиқ намоянд. Маҳфилҳои фаннӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар доираи омӯзиши як фан мутаҳҳид шуда, таълими онро дуруст ба роҳ монанд.

**- таҳия ва иҷрои корҳои тарбиявӣ дар раванди таълим ва берун аз дарс: ба роҳ мондани кори маҳфилҳои бадей, варзишӣ, эҷодӣ ва ғайра.**

Дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ба роҳ мондани фаъолияти маҳфилҳои бадей, эҷодӣ ва варзишӣ имконият медиҳад, ки аз байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ гурӯҳи хонандагони болаёқат ташкил

карда шуда, барои иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ равона карда шаванд.

- ташкили марказҳои омода намудани тестҳо ва дигар воситаҳои имтиҳонот ва фароҳам овардани шароит баҳри омода намудани хонандагон барои супоридани имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавии тестӣ дар маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- фароҳам овардани шароит барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва фанҳои дақиқ дар муассисаи таълимӣ махсусан, омӯзиши забонҳои русиву англисӣ;

- ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ, семинарҳои омӯзишӣ ва машқҳои амалӣ бо хатмкунандагон вобаста ба низоми нави имтиҳонсупорӣ;

- фаъол намудани сайтҳои интернетии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати ба роҳ мондани алоқаҳои муштараки омӯзишӣ дар низоми нави супоридани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ;

- доир намудани семинарҳои омӯзишии доимамалкунанда оид ба ҷаъмбасти сифати дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумхурии Тоҷикистон;

- омӯзиш ва истифодаи самараноки тартиби баҳогузорӣ ба дониши хонандагон ва *арзёбии* сифати таҳсилот тариқи мониторинг;

- омӯзиш ва мавриди амал қарор додани талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд";

- омӯзиши тағйиру иловаҳое, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва ба Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд;

**5.Таъмини раванди таълим бо кадрҳо.**

Яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин баланд бардоштани ихтисосмандии кормандони соҳаи маориф ба шумор меравад. Роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бояд чорабиниҳои зеринро бо мақсади таъмини раванди кадрҳо ба сомон расонанд:

-таҳия ва иҷрои барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати таъминоти кадрӣ;

-бо хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии соҳаи омӯзгорӣ барқарор намудани робитаҳои доимӣ;

-оид ба касбинтихобкунии хонандагоне, ки майлу рағбати фаъолияти омӯзгорӣ доранд, чораҳо андешида барои минбаъда ҳамчун омӯзгори соҳибкасб гардидани онҳо мусоидат намудан;

-барои ба бозомӯзӣ ва ба такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадбирҳо андешида нақшаи онро таҳия, қабул ва иҷро намоянд.

**6.Ташкили усулҳои нави таълим, ҳавасманд намудани таълимгирандагон барои гирифтани таҳсилоти босифат.**

Усулҳои интерактивии таълим, ки дар сатҳи байналҳалқӣ эътироф гаштаанд барои гузаронидани семинару тренингҳо ва умуман машғулиятҳои таълимию омӯзишӣ истифода мегарданд.

**Усулҳои интерактивии таълим аз чунин принсипҳо иборат мебошанд:**

- ҷалб намудани диққати иштирокчиён ва дар муддати кӯтоҳ ба мақсад ноил гаштани онҳо;
- иштироки озодона, фаъол ва самаранок
- иштироки на зиёда аз 20 нафар иштирокчиён дар машғулият;
-пешниҳод ва қабули мустақилонаи қоида ва тартиби рафтори иштирокчиён мавриди ташкили машғулият;

Ташкилкунанда на ҳамчун муаллим нисбат ба хонанда, балки ҳамчун маълумотдиҳанда ва маслиҳатчӣ нисбат ба иштирокчиёни машғулият муносибат мекунад.

**Мақсади асосии** истифодаи усули интерактивии таълим, дар муддати кутоҳтарин, аз худ кардани (омӯзонидани) маълумотҳои зарурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳаётӣ мебошад, ки он ба таҳкими қобилият ва маҳорати ровигию шунавандагӣ, рушди малакаҳои сарварию ташкили гурӯҳҳо, бедор кардани ҳисси инсондустӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

Ҳангоми ташкили машғулият дар бисёр ҳолатҳо воситаҳои айёнӣ ба монанди: қоғазу қаламҳои гуногуни ранга, маводи тақсимотӣ, видео-филмҳо ва ғайра истифода мегарданд, ки ба дучанд аз худ кардани маълумот ба иштирокчиён мусоидат менамояд.

Мавриди гузаронидани машғулият усулҳои таълимӣ ба монанди: ҳуҷуми фикрҳо, ки малакаи суханронии шахсро устувор мегардонад, бозӣ дар нақшҳо, ки ниқоби шармгинии шахсро мешиканад, ба иштирокчӣ барои худро озод ҳис кардану ба аудитория мутобиқ шудан шароит фароҳам меорад, ки шахс метавонад мустақилона кор кунад, ақида ва нуқтаи назари худро мустақилона ва бо рӯҳбаландӣ баён намояд, истифода мегарданд.

**7.Назорати сифати таҳсилот.**

Идоракунии сифати таҳсилот – таъсиррасонии низомӣ ва ҳамоҳангӣ ҳам ба ҷараёни таҳсилот ва ҳам ба маҷмуи асосҳои бо он алоқаманд, ҷараёни идоракунӣ ва дастгиринамоӣ мебошад, ки бо мақсади расидан ба фаъолияти низоми маориф ва натиҷаҳои иҷтимоиву педагогии он, амалӣ карда мешавад.

Мавҷудияти дастурамал ва ё ҳуҷҷати дахлдор, ки дар он тартиби идоракунии сифати таҳсилот дарҷ гардидаанд, асоси самаранокии идоракунии сифати таҳсилотро ташкил медиҳад. Зеро он иҷроиши

қарорҳои идоракуниро кафолат дода, ҳуқуқу ухдадориҳои ҷараёни таҳсилотро пурра ва бефосила муайян мекунад.

**Назорати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути амалӣ намудани фаъолияти зерин анҷом дода мешавад:**

-таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳо;

-таҳлил ва муқоиса намудани нишондодҳои натиҷаи таҳсилот дар муассисаҳо;

-дар асоси барнома арзёбӣ намудани сатҳи сифати таҳсилот дар муассисаҳо;

-дар муҳлатҳои муқarrаргардида ба такмили ихтисос ва бозомузӣ ҷалб намудани омӯзгорон;

-риояи меъёрҳои ҳавасмандгардонии хонандагони болаёқат;

Идоракунии сифати таҳсилот ба низоми умумии идоракунии муассисаҳои таълимӣ дохил мешавад. Бинобар ин, идоракунии сифати таҳсилот бо ҳеҷ ваҷҳ ба идоракунии муассисаҳои таълимӣ монеа шуда наметавонад, баръакс идоракунии муассисаҳои таълимиро фаъол мегардонад. Дар баробари ин, ворид намудани низоми идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мақсаднокии идоракунии муассисаҳои таълимиро баланд бардошта, муносибатҳои ҳуқуқии байни роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаро бо кормандони он муайян мекунад.

Мавҷудияти низоми идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият медиҳад, ки камбудиҳои ба вуҷудомада бартараф карда шуда, назорат ва баҳодиҳии натиҷаҳои раванди таълим амалӣ карда шавад. Худбаҳодиҳии натиҷаҳои раванди таълим имконият медиҳад, ки ошкорбаёнӣ дар мушоҳидаҳои ҷамъиятӣ таъмин гардида, бо ин васила боварии мардум ба низоми маориф зиёд гардад.

Барои он, ки идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд базаи қонунгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мукаммал бошад. Таъсиррасонии идоракунӣ дар мактабҳо тавассути санадҳои локалӣ (дохилиидоравӣ), ки он аз ҷониби маъмурияти муассисаҳои таълимӣ коркард ва қабул карда мешавад, ба танзим дароварда мешаванд. Маъмурияти муассисаҳои таълимӣ барои самаранокии идоракунии сифати таҳсилот бояд гардиши ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро таъмин намоянд. Гардиши ҳуҷҷатнигории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд гуруҳбандӣ карда шуда, номгӯи ҳуҷҷатҳои дахлдорро дар бар гиранд:

1. Ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки мақсад, функсия ва вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар самти идоракунии сифати таҳсилот муайян мекунанд. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама Оинномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дохил мешаванд;

2. Ҳуҷҷатҳое, ки фаъолияти гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилотро муайян мекунанд, ки дар он сохтор, тартиби фаъолият, ҳуқуқу уҳдадориҳо, тартиби ҳуҷҷатнигории фаъолияти он муқаррар карда мешаванд. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама Дастурамали гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот дохил мешавад;

3.Ҳуҷҷатҳое, ки барои банақшагирӣ, амалӣ намудани он ва идоракунӣ зарур мебошанд. Ба ин гурӯҳ ҳуҷҷатҳо пеш аз ҳама нақшаҳои кории гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ дохил мешаванд;

Таҷрибаи ҷорӣ намудани идоракунии сифати таҳсилот дар мамлакатҳои аврупо ва ИДМ (иттиҳоди давлатҳои мустақил) нишон медиҳад, ки идоракунии сифати таҳсилот аз давраҳои муайяни худ иборат мебошад, ки онро ба тариқи зайл баён намудан мумкин аст:



1.Фармоиш дар нақшаи мазкур мазмуни талаботи қонунгузории ҷорӣ доир ба сифати таҳсилот мебошад, ки барои расидан ва иҷро кардани фармоиш дигар давраҳои он зарур мебошад.

2. Банақшагирии идоракунии сифати таҳсилот – ин таъсис додани методҳо ва дастурҳо барои амалӣ намудани фаъолият ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад. Масалан, бо роҳи банақшагирии омӯзиши фанни химия ва баланд бардоштани сифати омӯзиши фанни мазкур роҳбари муассиса ба гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот мусоидат намояд.

3. Идоракунии сифати таҳсилот (фаъолият) –таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои асосӣ ва иловагии таълимӣ амалӣ карда мешавад. Яъне ин давраи муҳим ва асосии идоракунии сифати таҳсилот мебошад, ки баъди ба нақшагирӣ фаъолият амалӣ карда шуда, натиҷаи он бевосита барои баланд бардоштани сифати таҳсилот равона гардидааст.

4. Меъёрҳои санҷишӣ (назорати) раванди таълим ва таъсиррасонӣ ба ҷараёни таълим – ин ҷараёни баҳодиҳӣ ва муқоисаи натиҷаҳо ба сатҳи сифати бадастовардашудаи таълим ба шумор меравад. Дар амал давраи мазкури идоракунии сифати таҳсилот тавассути гузаронидани мониторинги идоракунии сифати таҳсилот, ки асоси онро баҳодиҳии сифати таҳсилот ташкил медиҳад, амалӣ карда мешавад.

5.Таъсиррасонӣ ба сифати таҳсилот ин фаъолият тавассути чораҳои дахлдор ба рафтори субъектони ҷараёни таълим таъсир расонидан аст. Масалан, тавассути гузаронидани санҷишҳои фосилавӣ ва ё нақшавӣ камбудиҳои ҷойдошта ошкор карда шуда, аз шахсони ба камбудӣ роҳ дода, бартараф намудани он талаб карда мешавад.

Бинобар ин, идоракунии сифати таҳсилот ҷараёни ба ҳам алоқаманди давраҳои мебошад, ки онро тавассути нақшаи зерин баён намудан мумкин аст:



Тавре аз нақшаи мазкур маълум мегардад, идоракунии сифати таҳсилот бо банақшагириву лоиҳанамоӣ ва мониторигу таъсиррасонӣ ба идоракунии сифати таҳсилот алоқмандии ногусастанӣ дошта, якдигарро пурра мекунанд ва бе мавҷудияти якдигар амал карда наметавонанд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд аз рӯи нақшаи мазкур амал намуда, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ идоракунии сифати таҳсилотро ба роҳ монанд.

Мақсади дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба роҳ мондани идоракунии сифати таҳсилот ин пеш аз ҳама таъмин кардани шароитҳои зарурӣ бобати баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад. Ба ғайр аз ин, низоми идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ барои инҳо зарур аст:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ барои расидан ба талаботи дар қонунгузории ҷорӣ муқарраргардида ва талаботи стандарҳои давлатӣ;

-Инкишоф додани фазои эҷодӣ ва фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, баланд бардоштани фаъолияти касбии кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

-Дар умум беҳтар намудани низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

-Мусоидат намудани таъминоти моддӣ, техникӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

-Баланд бардоштани сифати таҳсилот муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

-Таъмин кардани иштироки васеи ҷамъият дар идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла идоракунии сифати таҳсилот.

**Функсияҳои асосии гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз инҳо иборат мебошад:**

- Таъмини санадҳои меъёрии соҳаи маориф оид ба сифати таҳсилот;
- Муайян намудани омилҳои асосии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- Тайёр намудани маводи таҳлилӣ ва ҳисобот доир ба сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;
- Танзим намудани ҷараёни иноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои нигоҳ доштан ва мунтазам баланд бардоштани сифати таҳсилот;
- Муайян намудани самти инкишофи муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани ихтисоснокии ҳайати омӯзгории муассисаҳои таълимӣ;

Барои дуруст дарк намудани  низоми идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти  умумӣ онро дар шакли зерин баён намудан мумкин аст:




| Идоракунии кадрӣ | Идоракунии иттилоотӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ | Идоракунии ташкилӣ | Идоракунии моддӣ ва таъминотӣ | Идоракунии муҳосибӣ | Идоракунии чараёни таҳсил | Идоракунии назоратӣ ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| * | ** | ** | * | * | * | ** |

Аз нақшаи таҳия гардида маълум мегардад, ки гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот бевосита ба роҳбарияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, гурӯҳи мазкур аз ҳисоби намудҳои идоракунӣ, ки аз 7 самт иборат мебошад таъсис дода мешавад, ки шумораи ҳар самти он дар нақшаи мазкур бо роҳи гузоштани нуқта муайян шудааст. Яъне ба гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот аз ҳисоби идоракунии кадрӣ, иттилоотиву ҳуҷҷатнигорӣ 1 нафар, идоракунии ташкилӣ 2 нафар ва ғайраҳо.

Тибқи Барномаи мазкур ичроиши он ба ғайр аз роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ инчунин ба зиммаи гурӯҳи махсус вогузор карда мешавад, ки аз ҳисоби Шӯрои методии муассисаи таълимӣ таъсис дода шуда, раванди баланд бардоштани сифати таҳсилотро амалӣ менамоянд.

**8.Таҳия ва ичрои нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо ва минбаъд баланд бардоштани сифати таҳсилот.**

Дар доираи амалӣ намудани Барномаи мазкур муассисаҳои таълимӣ ҳамасола дар анҷоми  соли таҳсил камбудиҳои  дар фаъолияти муассиса

ҷойдоштаро таҳлил намуда, барои бартараф намудани онҳо ва баланд бардоштани сифати таҳсилот нақшаи чорабиниҳо таҳия карда, иҷрои онро таъмин менамоянд.

Нақшаи чорабиниҳо дар ҳар муассисаи таълимӣ бо назардошти камбудиҳои ҷойдошта таҳия карда мешавад.

## 9.Муқаррароти хотимавӣ

Муассисаҳои таълимӣ зимни фаъолияти худ уҳдадоранд, ки иҷроиши бандҳои дахлдори Барномаи мазкурро таъмин намоянд.

Гурӯҳҳои сифати таҳсилот уҳдадоранд, ки нақшаи кории солонаи худро таҳия намуда, барои қабул ба роҳбарияти муассиса пешниҳод намуда, пас аз тасдиқ гардидани он, нусхаи нақшаи кориро ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи ноҳия (шаҳр) ирсол намоянд.